аз 15.02.2022, №8-ф

Дар бораи Тартиби иҷро ва бекор кардани
қарор, ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ирсол
намудани супоришномаи инкассавии мақомоти
андоз ва шакли супоришномаи инкассавӣ

070.030.010.

Мутобиқи қисми 5 моддаи 145 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби иҷро ва бекор кардани қарор, ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ирсол намудани супоришномаи инкассавии мақомоти андоз ва шакли супоришномаи инкассавӣ тасдиқ карда шавад (замимаҳои 1 ва 2).

2. Фармоиши мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намоянд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Нусратулло Давлатзода

Замимаи 1
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «___» ________ соли 2022, №__

Тартиби
иҷро ва бекор кардани қарор, ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ирсол намудани супоришномаи инкассавии мақомоти андоз

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби иҷро ва бекор кардани қарор, ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ирсол намудани супоришномаи инкассавии мақомоти андоз (минбаъд-Тартиб) муқаррарот оид ба иҷро ва бекор намудани қарорҳои мақомоти андоз дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби маблағҳои суратҳисоби бонкии андозсупоранда, суратҳисоби бонкии қарздорон (дебиторон)-и андозсупорандаро ба танзим медарорад.

2. Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 145 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кодекси андоз) ҳангоми дар мухлати муқарраршуда қисман ё пурра иҷро нагардидани талаботи огоҳинома оид ба пардохти қарзи андоз, маблағи қарзи андоз аз суратҳисобҳои бонкӣ (аз ҷумла маблағҳо дар кортҳои корпоративӣ)-и андозсупоранда дар ташкилоти қарзии молиявӣ маҷбуран ситонида мешаванд.

3. Муқаррароти дар банди 2 Тартиби мазкур пешбинишуда танҳо нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ татбиқ карда мешавад.

4. Тартиби маҷбуран ситонидани қарзи андози андозсупоранда ё агенти андоз, ки дар муқаррароти моддаҳои 145-149 ва 152 Кодекси андоз пешбинӣ шудааст, нисбат ба шахсони дигар низ татбиқ карда мешавад.

5. Ситонидани қарзи андоз аз суратҳисоби андозсупоранда тавассути ирсол намудани қарори мақомоти андоз тибқи замимаи 1 Тартиби мазкур, супориши инкассавӣ ва санади муқоисавии бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби мақомоти андоз ва андозсупоранда дар шакли хаттӣ ё электронӣ тасдиқшуда ба ташкилоти қарзии молиявӣ, амалӣ карда мешавад. Ситонидани қарзи андоз аз суратҳисоби бонкии андозсупорандагоне, ки ба номгӯйи андозсупорандагони бемасъулият ворид гардидаанд, тавассути ирсол намудани қарори мақомоти андоз ва супориши инкассавӣ ба ташкилоти қарзии молиявӣ амалӣ карда мешавад.

6. Мақомоти андоз қарор, супоришномаи инкассавӣ ва санади муқоисавиро ба ташкилоти қарзии молиявӣ дар шакли электронӣ ирсол

менамоянд. Ҳангоми бо сабабҳои техникӣ ғайриимкон будани ирсоли шакли электронӣ, онҳо дар шакли хаттӣ ирсол карда мешаванд.

7. Лаҳзаи гирифтани ҳуҷҷатҳои дар банди 6 Тартиб пешбинишуда санаҳои зерин эътироф мешаванд:

- ҳангоми дар шакли электронӣ ирсол намудани ҳуҷҷатҳои зикргардида санаи ба низоми электронии доду гирифти маълумоти ташкилоти қарзии молиявӣ ворид гардидани маълумот;

- ҳангоми дар шакли хаттӣ пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳои зикргардида санаи аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ қабул гардидани онҳо.

8. Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 146 Кодекси андоз дар ҳолати имконнопазир будани ситонидани қарзи андоз аз суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда, мақомоти андоз ҳуқуқ дорад маблағи қарзи андозро аз суратҳисобҳои қарздорон (дебиторон)-и андозсупоранда ситонад, аммо маблағи ситонидашаванда набояд аз уҳдадории андозии андозсупоранда зиёдтар бошад.

9. Маблағи қарзи андоз аз суратҳисобҳои бонкии қарздорон (дебиторон)-и андозсупоранда тибқи замимаи 2 Тартиби мазкур бо қарори мақомоти андоз ситонида мешавад.

## 2. ТАРТИБИ АЗ ҶОНИБИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВӢ ИҶРО НАМУДАНИ ҚАРОРҲО ВА СУПОРИШНОМАИ ИНКАССАВИИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

10. Тибқи муқаррароти қисми 6 моддаи 145 Кодекси андоз ташкилоти қарзии молиявӣ уҳдадор аст супоришномаи инкассавии мақомоти андозро дар барои аз суратҳисоби бонкии андозсупоранда ситонидани қарзи андозӣ бо тартибе, ки қонунгузории граждани муқаррар намудааст, иҷро намояд.

11. Қарзи андозӣ аз суратҳисоби амонатии дархостӣ бо пули миллӣ ва дар сурати нокифоя будани маблағ, аз суратҳисоби амонатии асъории дархостии андозсупоранда ситонида мешавад. Қарзи андозӣ аз суратҳисоби асъории андозсупоранда аз рӯи қурби муайяннамудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар санаи амалиёт ба андозае ситонида мешавад, ки барои пардохти қарзи андозӣ кифоя бошад.

12. Ситонидани қарзи андозӣ аз суратҳисобҳои амонатии мухлатноки андозсупоранда то ба охир расидани мухлати амали онҳо манъ аст.

13. Ҳангоми аз суратҳисоби асъории андозсупоранда ситонидани қарзи андозӣ мақомоти андоз ҳамзамон бо супоришномаи инкассавӣ қарори дорои маълумот оид ба фурӯши асъори хориҷии андозсупорандаро ба ташкилоти қарзии молиявӣ ирсол менамояд. Тибқи талаботи мазкур дар қарори мақомоти андоз оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз суратҳисоби бонкии андозсупоранда ва ё дебиторони андозсупоранда, муқаррарот (банд)-и алоҳида оид ба фурӯши асъори хориҷии андозсупоранда дарҷ карда мешавад. Ташкилоти қарзии молиявӣ уҳдадор аст фармоиши мазкурро (қарор ва супоришномаи инкассавӣ) на дертар аз рӯзиояндаи корӣ иҷро намояд. Пардохти хароҷоти амалиётии марбут ба фурӯши асъори хориҷӣ аз ҳисоби андозсупоранда анҷом дода мешавад.

14. Ташкилоти қарзии молиявӣ ухдадор аст супоришномаи инкассавии мақомоти андозро, ки бо риояи талаботи моддаи 145 Кодекси андоз ирсол шудааст, аз суратҳисоби бонкии андозсупоранда бо пули миллӣ дар мухлати на дертар аз як рӯзи корӣ пас аз гирифтани супоришномаи инкассавӣ ва ҳангоми аз суратҳисобҳои асъорӣ ситонидани маблағҳои пулӣ на дертар аз ду рӯзи корӣ иҷро намояд.

15. Агар дар рӯзи ба ташкилоти қарзии молиявӣ ворид шудани супоришномаи инкассавии мақомоти андоз дар суратҳисоби андозсупоранда барои иҷрои ин дархост маблағҳои пулӣ нокифоя бошанд, он ба андозаи воридшавии маблағҳои пулӣ ба суратҳисобҳои мазкур на дертар аз як ё ду рӯзи корӣ баъд аз рӯзи воридшавии чунин дархост вобаста аз асъори суратҳисоб иҷро мешавад.

16. Мутобиқи муқаррароти қисми 9 моддаи 146 Кодекси андоз қарори мақомоти андоз дар бораи ситонидани маблағи қарзи андоз аз суратҳисобҳои бонкии қарздорон (дебиторон)-и андозсупоранда дар шакли хаттӣ ё электронӣ барои иҷро ба ташкилотҳои қарзӣ ва қарздорон (дебиторон) ирсол карда мешавад.

17. Ташкилоти қарзии молиявӣ уҳдадор аст, ки қарор ва супоришномаи инкассавии мақомоти андозро дар бораи ситонидани қарзи андозӣ аз суратҳисоби бонкии қарздорон (дебиторон)-и андозсупоранда иҷро намояд.

18. Мутобиқи муқаррароти қисми 12 моддаи 146 Кодекси андоз агар аз суратҳисобҳои бонкии қарздорон (дебиторон)-и андозсупоранда маблағ барзиёд ситонида шуда бошад, маблағи барзиёд ситонидашуда аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси аризаи андозсупоранда ба қарздорон (дебиторон) баргардонида мешавад.

## 3. ТАРТИБИ БЕКОР ВА БОЗХОНД НАМУДАНИ ҚАРОРҲО ВА СУПОРИШНОМАИ ИНКАССАВИИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

19. Мутобиқи муқаррароти қисми 5 моддаи 136 Кодекси андоз қарорҳои мақомоти андоз дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз суратҳисоби бонкии андозсупоранда, қарздорон (дебиторон)-и андозсупоранда бо дар назар доштани ҳолатҳои зерин дар шакли замимаи 3 Тартиб бекор карда мешаванд:

1) аз санаи эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳалномаи суд оид ба муфлис эътироф шудани андозсупоранда;

2) дар асоси ҳалномаи суд пурра қонеъ гардидани шикояти андозсупоранда оид ба натиҷаи санади санҷишӣ;

3) аз санаи эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳалномаи суд дар бораи барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзии молиявӣ;

4) бартараф гардидани ҳолатҳое, ки боиси амалисозии усулҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ гардидаанд.

20. Мутобиқи муқаррароти қисми 7 моддаи 145 Кодекси андоз бозхондани қарор ва супоришномаи инкассавии иҷронашуда дар ҳолатҳои зерин дар шакли замимаи 4 Тартиб тавассути муроҷиати расмии мақомоти андоз ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ анҷом дода мешавад:

1) пардохти қарзи андозӣ, аз ҷумла тавассути ба ҳисоб гирифтани маблағҳои барзиёд пардохтшуда ё барзиёд ситонидашуда мутобиқи боби 15 Кодекси андоз;

2) батаъхиргузорӣ ё пардохти ба муҳлатҳо ҷудошудаи қарзи андозӣ мутобиқи боби 15 Кодекси андоз;

3) беэътимод эътироф шудани қарзи андозӣ мутобиқи моддаи 131 Кодекси андоз;

4) кам гардидани ҳаҷми маблағи қарзи андозӣ ва фоизҳо аз рӯи ҳисоботи дақиқшудаи андозӣ, ки мутобиқи моддаи 100 Кодекси андоз пешниҳод шудааст.

21. Мутобиқи муқаррароти қисми 11 моддаи 146 Кодекси андоз дар сурати пурра пардохт гардидани маблағи қарз аз ҷониби қарздорон (дебиторон), қарор ва супоришномаи инкассавии мақомоти андоз дар давоми 2 рӯзи корӣ бозхонд карда мешаванд.

22. Ба имзорасонии санади муқоисавии аз ҷониби мақомоти андоз ва андозсупоранда дар шакли хаттӣ ва (ё) электронӣ тасдиқшуда бо тартиби муқаррарнамудаи қисми 9 моддаи 106 Кодекси андоз муайян карда мешавад.

## 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

23. Назорати иҷрои муқаррароти Тартиби мазкур аз ҷониби мақомоти андоз ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ амалӣ карда мешавад.

24. Андозсупорандагон (агентҳои андоз), намояндагони онҳо ва шахсони мансабдор, кормандони мақомоти андоз, инчунин ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои риоя накардани муқаррароти Тартиб тибқи Кодекси андоз ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошанд.

Замимаи 2
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____» _________ соли 2022, №___

СУПОРИШНОМАИ ИНКАССАВӢ «____»
_______________ соли 20__, № ____

<table>
<tr><td>Шартхои пардохт</td><td>__________________________</td><td>Мухлат барои аксепт</td><td>________________</td></tr>
<tr><td>Маблағ ба хуруф</td><td colspan="3">_________________________________</td></tr>
</table>

<table>
<tr><td rowspan="2">РМА<br>Пардохткунанда</td><td>Маблағ</td><td></td></tr>
<tr><td>Ҳисоб №</td><td rowspan="2"></td></tr>
<tr><td>Бонки пардохткунанда</td><td>РМБ<br><br>Ҳисоб №</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Бонки пардохтгиранда</td><td>РМБ<br><br>Ҳисоб №</td><td rowspan="2"></td></tr>
<tr><td>Ҳисоб №</td></tr>
</table>

<table>
<tr><td rowspan="3">Буҷети гиранда<br>РАМЗ ________________<br>РМА ________________<br>Пардохтгиранда</td><td>Намуди пардохт</td><td rowspan="3"></td><td>Мухлати пардохт</td><td rowspan="3"></td></tr>
<tr><td>Таъиноти пардохт</td><td>Пардохти нави</td></tr>
<tr><td>Рамз</td><td>Ҳаҷми</td></tr>
<tr><td colspan="5">Дар асоси қарори Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «____» ________________ соли 20__, № ______ намуди андозҳо ва (ё) маблағи он<br><br>Роҳбари мақомоти андоз дар шаҳри (ноҳияи) __________ ________________________<br>(Имзо, муҳр, ному насаб)</td></tr>
</table>

Эзоҳ: Дар мавриди ситонидани маблағи андозҳо, ки дар натиҷаи санади санҷишии мақомоти андоз ошкор карда шудааст, дар қисмати таъиноти супоришномаи инкассавӣ муқаррароти зерин «Дар асоси қарори мақомоти андоз оид ба натиҷаи санади санҷишӣ аз «___» _________ соли20____, №____ ва қарори мақомоти андоз аз «____» ____________соли 20___, №____ намуди андоз, рамзи мақомоти андоз (65) ва ному насаби санҷишгар» дарҷ карда мешавад.

Ташкилоти қарзии молиявӣ таъиноти пардохти дар супоришномаи инкассавии мақомоти андоз нишондодашударо дарҷ намуда, барои саҳеҳияти он масъул намебошад.

Роҳбари мақомоти андоз _______________ _______________

(имзо) (ном ва насаб)

(муҳр)

Замимаи 1
ба Тартиби иҷро ва бекор кардани қарор, ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ирсол намудани супоришномаи инкассавии мақомоти андоз

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҚАРОР
дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо аз суратҳисоби бонкии __________ (андозсупоранда) дар _______________________ (ташкилоти қарзии молиявӣ)

«____» __________ соли 20__ №___ (маҳалли қабули қарор)

Ман, роҳбари мақомоти андоз (ному насаб) маводи парвандаи назоратии № ____-ро нисбати __________________ (номи пурраи андозсупоранда) дида баромада,

МУАЙЯН НАМУДАМ:

__________________ (номи пурраи андозсупоранда) ҳамчун андозсупоранда бо РМА ____________ дар қайди нозироти (раёсати) андоз дар шаҳри, вилояти ё ноҳияи____________ қарор дорад.

Бақияи қарзи андозҳои ____________ (номи пурраи андозсупоранда) ба ҳолати «___» _______ соли 20__ дар маҷмуъ маблағи ____________________ сомониро ташкил менамояд.

Қарздории андозсупоранда дар асоси санади муқоисавӣ аз санаи «___» ___________ соли 20__ ва қарор (огоҳинома) оид ба натиҷаи санҷиши андоз аз «___» ___________ соли 20__, № ___ тасдиқи худро меёбад.

Бояд қайд кард, ки оид ба пардохти қарзи андоз дар асоси муқарраароти моддаи 133 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозсупоранда огоҳинома аз «___» _________ соли 20__, № ___ ирсол карда шудааст, вале талаботи огоҳиномаи мазкур иҷро карда нашудааст.

Дар натиҷаи ҳолати мазкур иҷро нагаштани талаботҳои моддаҳои 34, 119 ва 120 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сари вақт пардохт намудани андозҳо ба буҷети давлатӣ дида мешавад.

Бодар назар доштани гуфтаҳои боло, бо дастрасии талаботҳои моддаи 145 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ҚАРОР КАРДАМ:

1. Аз суратҳисоби бонкии __________________ (номи пурраи андозсупоранда) РМА _______, № _______________, РМБ ________________ дар ________________ (ташкилоти қарзии молиявӣ) маблағи _______________ (бо рақам ва ҳарф) сомонӣ бо дар назар

доштани тартиби муқаррарнамудаи ______ қонунгузории гражданӣ ба манфиати буҷети давлатӣ ситонида шавад.

2. Аз қабули қарори мазкур ________________ (номи пурраи андозсупоранда) огоҳ карда шавад.

3. Нусхаи қарор ба _______________ (ташкилоти қарзии молиявӣ) барои таъмини иҷро равон карда шавад.

4. Назорати таъмини иҷрои қарори мазкур ба зиммаи нозироти (раёсати) андоз дар ________________ вогузор карда шавад.

5. Пас аз гирифтани огоҳиномаи хаттии мақомоти андоз дар хусуси пурра пардохт гардидани маблағи қарзи андозҳои дар қисми 1 пешбинишуда қарори мазкур бекоршуда ҳисобида мешавад.

Роҳбари мақомоти андоз _____________ _____________

(имзо) (ном ва насаб)

(муҳр)

Замимаи 2

ба Тартиби иҷро ва бекор кардани қарор, ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ирсол намудани супоришномаи инкассавии мақомоти андоз

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҚАРОР

дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳои __________________ (номи пурраи андозсупоранда) аз ҳисоби маблағҳои суратҳисоби бонкии қарздор (дебитор)-ион _________________ (номи пурраи қарздорон (дебиторон)-и андозсупоранда) дар ______________________________________
(ташкилоти қарзии молиявӣ)

«____» __________соли 20______ № ____ (маҳалли қабули қарор)

Ман, роҳбари мақомоти андоз (<u>ному насаб</u>) маводи парвандаи назоратии № ____-ро нисбати __________________ (номи пурраи андозсупоранда) дида баромада,

МУАЙЯН НАМУДАМ:

__________________ (номи пурраи андозсупоранда) ҳамчун андозсупоранда бо РМА ____________ дар қайди нозироти (раёсати) андоз дар шаҳри, вилояти ё ноҳияи ____________ қарор дорад.

Бақияи қарзи андозҳои ____________ (номи пурраи андозсупоранда) ба ҳолати «___» _______ соли 20__ дар маҷмуъ маблағи ____________________ сомониро ташкил менамояд.

Қарздории андозсупоранда дар асоси санади муқоисавӣ аз санаи «___» ___________ соли 20__, №____ ва қарор (огоҳинома) оид ба натиҷаи санҷиши андоз аз «___» ___________ соли 20__, № ___ тасдиқи худро меёбад.

Дар навбати худ ____________ (номи пурраи қарздорони (дебиторони) андозсупоранда) РМА ________ дар назди ____________ (номи пурраи андозсупоранда) дар асоси санади муқоисавии тасдиқнамудаи дуҷониба аз санаи «___» ___________ соли 20__, №_____ ба маблағи ____________________ сомонӣ қарздор мебошад.

Бояд қайд кард, ки оид ба пардохти қарзи андозҳои ________________ (номи пурраи андозсупоранда) дар асоси муқаррароти моддаи 146 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба _______________ (номи пурраи қарздорон (дебиторон)-и андозсупоранда) барои пардохти маблағи ҳисобшудаи андозҳо огоҳинома ирсол карда шудааст, вале талаботи огоҳиномаи мазкур иҷро карда нашудааст.

Дар натиҷаи ҳолати мазкур иҷро нагаштани талаботҳои моддаҳои 34, 119 ва 120 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сари вақт пардохт намудани андозҳо ба буҷети давлатӣ дида мешавад.

Бо дар назар доштани гуфтаҳои боло, бо дастрасии талаботҳои моддаи 146 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ҚАРОР КАРДАМ:

1. Аз суратҳисоби бонкии ________________ (номи пурраи қарздорон (дебиторон)-и андозсупоранда) РМА _________, № ________________, РМБ ________________ дар ______________________(ташкилоти қарзии молиявӣ) маблағи ________________ (бо рақам ва ҳарф) сомонӣ бо дар назар доштани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории гражданӣ барои рӯйпӯш намудани қарзи андозҳои ___________________ (номи пурраи андозсупоранда) ситонида шавад.

2. Аз қабули қарори мазкур ________________ (номи пурраи қарздорони (дебиторон)-и андозсупоранда) ва ____________ (номи пурраи андозсупоранда) огоҳ карда шаванд.

3. Нусхаи қарор ба __________________ (ташкилоти қарзии молиявӣ) барои таъмини иҷро равон карда шавад.

4. Назорати таъмини иҷрои қарори мазкур ба зиммаи нозироти (раёсати) андоз дар _________________ вогузор карда шавад.

5. Пас аз гирифтани огоҳиномаи хаттии мақомоти андоз дар хусуси пурра пардохт гардидани маблағи қарзи андозҳои дар қисми 1 пешбинишуда қарори мазкур бекоршуда ҳисобида мешавад.

Роҳбари мақомоти андоз ______________ ______________

(имзо) (ном ва насаб)

(муҳр)

Замимаи 3
ба Тартиби иҷро ва бекор кардани
қарор, ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ
ирсол намудани супоришномаи
инкассавии мақомоти андоз

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

дар бораи бекор намудани қарорҳои мақомоти андоз
оиди маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо

«____» __________ соли 20__ №___ (маҳалли қабули қарор)

Ман, роҳбари мақомоти андоз (ному насаб) маводи парвандаи назоратии № ____-ро нисбати __________________ (номи пурраи андозсупоранда) дида баромада,

## МУАЙЯН НАМУДАМ:

__________________ (номи пурраи андозсупоранда) ҳамчун андозсупоранда бо РМА ____________ дар қайди нозироти (раёсати) андоз дар шаҳри, вилояти ё ноҳияи ____________ қарор дорад.

Бақияи қарзи андозҳои ____________ (номи пурраи андозсупоранда) ба ҳолати «___» _______ соли 20__ дар маҷмуъ маблағи ___________________ сомониро ташкил менамояд.

Бояд қайд намуд, ки нисбати __________________ (номи пурраи андозсупоранда) дар асоси талаботи моддаҳои 145 ва 146 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори роҳбари мақомоти андоз дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз суратҳисоби бонкӣ аз «___» _______ соли 20__, № ______ ва қарор дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз қарздорони (дебиторони) андозсупоранда аз «___» _______ соли 20__, № ______ ба маблағи _________________ сомонӣ қабул карда шудааст.

Мутобиқи муқаррароти қисми 5 моддаи 136 Кодекси андоз қарорҳои мақомоти андоз дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз суратҳисоби бонкии андозсупоранда, қарздорон (дебиторон)-и андозсупоранда бо дар назардошти ҳолатҳои зерин ___________________________________________________________________
___________________________________________________________________
__________бекор карда мешаванд.

Бо дар назар доштани асосҳои зикргардида, бо дастрасии талаботи қисми 5 моддаи 136 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

## ҚАРОР КАРДАМ:

1. Қарорҳои роҳбари мақомоти андоз аз «___» _______ соли 20__, № ______ дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз суратҳисоби бонкии андозсупоранда ва аз «___» _______ соли 20__, № ______ дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз қарздорон (дебиторон)-и андозсупоранда бекор карда шавад.

2. Қарори қабулнамудаи мақомоти андоз барои маълумот ба ____________________ (ташкилоти қарзии молиявӣ), _______________ (андозсупоранда) ва нозироти (раёсати) андоз дар ________________ ирсол карда шавад.

Роҳбари мақомоти андоз _____________ _____________

(имзо) (ном ва насаб)

(муҳр)

Замимаи 4

ба Тартиби иҷро ва бекор кардани қарор, ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ирсол намудани супоришномаи инкассавии мақомоти андоз

___________(ташкилоти қарзии молиявӣ)
суроға:______________________ (шаҳр, ноҳия)

Нусха: _____(номи пурраи андозсупоранда)
суроға:______________________ (шаҳр, ноҳия)

Нусха: нозироти (раёсати) андоз дар шаҳри, вилояти ё ноҳияи _________

Мақомоти андоз мутобиқи муқаррароти қисми 7 моддаи 145 ва қисми 11 моддаи 146 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз суратҳисоби бонкӣ нисбати _____________ (номи пурраи андозсупоранда) қабул карда , аз «___» _______ соли 20__, № ______ қарор дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз қарздорон (дебиторон)-и он аз «___» _______ соли 20__, № ______ ва супоришномаи инкассавӣ аз «___» _______ соли 20__, № ______-ро бозхонд намуда, барои гузаронидани амалиётҳои бонкӣ иҷозат медиҳад.

Роҳбари мақомоти андоз _______________ _______________
(имзо) (ном ва насаб)